Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Кармышева Майсара Назруллоевна, дар мавзӯи "Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат**

Дар шароити муосири соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, махсусан дар соҳаи саноат иқтидорҳои иловагӣ барои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ мавҷуд буда, истифодаи оқилонаи он дар асоси таъмини шуғли ҳадди аксар метавонад рушди соҳаҳои хоҷагии халқро ба самти пешравии куллан нав барорад. Ҳамчунин, вобаста ба хусусиятҳои ташаккулёбии захираҳои меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷараёни мақсаднокро ифода мекунад, ки дар он сифат ва қобилиятҳои меҳнатии одамон барои дастрасии мақсадҳои стратегии иқтисодиёти миллӣ, соҳаҳои мухталиф, минтақаҳо ва корхонаҳо амалӣ карда мешавад. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун қисми таркибии захираҳои инсонӣ яке аз омилҳои асосии таъминоти рушди иқтисодӣ ва пешрафти ҷамъият ба ҳисоб меравад.

Дар мубрамияти мавзӯи автореферати диссертатсия, муаллиф оид ба омодакунӣ ва азнавтайёркунии захираҳои меҳнатӣ, инкишофи малакаи касбии иқтидори меҳнатиро мутобиқи эҳтиёҷотҳои иқисодиёти миллӣ дар назар дорад. Барои баҳодиҳии вазъи ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама вазъи демографӣ таъсири назаррас дорад. Аз таҳлилҳо бар

меояд, ки шарти асосии истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ бевосита ба инобат гирифтани хусусиятҳои демографии ташаккулёбии онҳо, таркиби ҷинсӣ, шумораи аҳолӣ, синну сол, тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ, урфу одатҳои миллӣ, қувваи корӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ муайян карда мешаванд. Вобаста ба ин масъала муаллиф дар ҷадвалҳо ва диаграммаҳо таҳлили пурра пешниҳод намудааст.

Муаллиф дар кор, асосҳои методологии таҳқиқотро маҷмуи тарзу усулҳои таҳлил ва омезиши ҳодисаҳо ва ҷараёнҳои иқтисодиро пешниҳод намуда, дар раванди таҳқиқот баҳодиҳии муқоисавӣ, омилӣ ва мантиқӣ, усулҳои гурӯҳбандӣ ва баҳодиҳии тараққиёти соҳаҳои саноати минтақавӣ, фарзияи илмӣ, таҳлил ва омезиш, усули идуксия ва дедуксия, аналогия, сабабӣ-оқибатӣ, таҳлили эмпирикӣ ва пешгӯикунӣ васеъ истифода намудааст.

Дар таҳқиқи худ, муаллиф ошкор намудани нишондиҳандаҳои қувваи корӣ дар иқтисодиёт, ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ дар шумораи умумии аҳолӣ, шумораи аҳолии машғули кор ва хусусиятҳои онҳоро муқаррар, таҳлил ва пешниҳод намудааст. Барои пурра намудани таҳлили худ оид ба ташаккулёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз таъсири омилҳои гуногун, алалхусус омили демографӣ, ки нақши марказиро дар ин самт иҷро мекунад, таҳлили таносуби аҳолии шаҳр ва деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот бо омӯзиши доираи васеи адабиёти мавзӯии ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи васеи воқеи ва оморӣ бо мақсади истифодабарӣ бо назардошти шароити имрӯзаи иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардидааст.

Дар қатори он муваффақиятҳои автореферат баъзе эродҳо низ ҷой доранд ба монандӣ:

1. Дар қисмати назариявии автореферат мавқеъи муаллиф оид ба моҳияти иҷтимоию иқтисодии захираҳои меҳнатӣ кам ба назар мерасад, яъне андешаҳои муаллиф пурра дарҷ нашудааст;

2. Дар автореферат зикр шудааст, ки ҳангоми таҳлили сохтори захираҳои меҳнатӣ, бахусус гурӯҳбандии он, омилҳое ба назар гирифта мешаванд, ки ба ташаккули захираҳои меҳнатӣ таъсир мерасонанд. Аммо ин омилҳо ба таври зарурӣ кушода нашудааст.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Кармышева Майсара Назруллоевна дар мавзӯи “Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ба талаботи меъёрҳои Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**муовини ректор оид ба илми ДДМИТ** **Сафаров Б. Г.**

**Имзои Сафаров Б.Г-ро тасдиқ мекунам**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДМИТ** **Шарипов У.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

*Суроға: 734067,*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.*
*Душанбе, к. Нахимов 64/14.*
*Тел..: 985000515. E-mail: bahrom_1975@list.ru*